ҚАРОРИ
Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
№72

аз 16 июни соли 2015 шаҳри Душанбе

Дар бораи татбиқи меъёрҳои Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми аз ҷониби судҳо баррасӣ кардани аризаҳо вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида аз нав баррасӣ намудани ҳалнома ё таъиноти эътибори қонунӣ пайдонамуда

Бо мақсади ҷорӣ намудани таҷрибаи якхела ва татбиқи дурусти меъёрҳои Кодекси мурофиавии гражданӣ, ки тартиби вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида аз нав баррасӣ намудани ҳалнома ё таъиноти эътибори қонунӣ пайдонамударо ба танзим медароранд, бо дастрасии моддаи 25 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,

ҚАРОР КАРД:

1. Диққати судҳо ба он ҷалб карда шавад, ки ҳалнома ё таъиноти эътибори қонунӣ пайдонамудаи судҳои марҳилаҳои якум, кассатсионӣ ва назоратӣ вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида аз ҷониби суде, ки санади судиро баровардааст, аз нав баррасӣ карда мешавад.

Судҳои марҳилаҳои кассатсионӣ ва назоратӣ вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида санадҳои судии баровардаашонро аз нав баррасӣ менамоянд, агар бо ин санадҳои судӣ ҳалномаи суди марҳилаи якум тағйир дода ё ҳалномаи нав қабул, инчунин баррасии парванда қатъ карда ё ариза бе баррасӣ мононда шуда бошад.

2. Ҳуқуқи пешниҳоди аризаро дар бораи аз нав баррасӣ намудани ҳалнома ё таъиноти эътибори қонунӣ пайдонамуда бо тартиби боби 41 Кодекси мурофиаи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМГ) тарафҳо, прокурор, дигар шахсони иштирокчии парванда, инчунин аризадиҳандагон ва шахсони

манфиатдор оид ба парвандаҳои аз муносибатҳои ҳуқуқи омма бармеомада ва мурофиаи махсус доранд.

Бинобар он ки тибқи талаботи моддаи 46 КМГ ворисии ҳуқуқии мурофиавӣ дар ҳама гуна марҳилаҳои мурофиа имконпазир мебошад, ворисони ҳуқуқии мурофиавии шахсони иштирокчии парванда дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонун ҳуқуқ доранд дар бораи аз нав баррасӣ намудани ҳалнома ё таъиноти эътибори қонунӣ пайдонамуда вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида ариза пешниҳод намоянд.

3. Ариза дар бораи аз нав баррасӣ намудани ҳалнома ё таъиноти эътибори қонунӣ пайдонамуда вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида бояд маълумотҳои зеринро дар бар гирад:

- номи суде, ки ба он ариза пешниҳод карда мешавад;
- номи шахсе, ки ба суд муроҷиат намудааст, дигар шахсони иштирокчии парванда;
- ҳолатҳое, ки метавонанд боиси аз нав баррасӣ намудани санадҳои судӣ гарданд;
- далелҳое, ки ин ҳолатро тасдиқ менамоянд ва номгӯи ҳуҷҷатҳои замимагардида.

Ба аризае, ки ба суди марҳилаи кассатсионӣ ё назоратӣ пешниҳод мегардад, инчунин нусхаи тасдиқгардидаи санадҳои судии нисбат ба парванда қабулнамудаи суди дахлдор ҳамроҳ карда мешавад.

4. Диққати судҳо ба он ҷалб карда шавад, ки ариза дар бораи аз нав баррасӣ намудани ҳалнома ё таъиноти эътибори қонунӣ пайдонамуда вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида аз аризаи даъвогӣ (ариза), ки дар асоси он парвандаи гражданӣ ё оилавӣ оғоз мегардад, хусусияти фарққунанда дорад.

Судя дар асоси ариза оид ба аз нав баррасӣ намудани ҳалнома ё таъиноти эътибори қонунӣ пайдонамуда вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида парвандаи гражданӣ ё оилавӣ оғоз накарда, ҳамон парвандаеро, ки аз рӯи он санади судӣ қабул карда шудааст талаб намуда, ҳамаи маводи ба аризаи баррасишаванда вобаста бударо ба ҳамин парванда якҷоя менамояд.

5. Гузаронидани муҳлати семоҳаи муроҷиат ба суд бо ариза дар бораи аз нав баррасӣ намудани ҳалнома ё таъиноти эътибори қонунӣ пайдонамуда вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида, ки дар моддаи 383 КМГ пешбинӣ гардидааст, барои баргардонидан ё рад намудани қабули ариза асос шуда наметавонад.

Ин мухлат бо аризаи шахсони иштирокчии парванда мумкин аст аз ҷониби суд барқарор карда шавад, агар эътироф намояд, ки мухлат бо сабаби узрнок гузаронида шудааст.

Бояд дар назар дошт, ки бе сабабҳои узрнок гузаронидани муҳлати муроҷиат ба суд барои рад намудани аризаи пешниҳодшуда асос гардида, суд дар таъинот танҳо ин ҳолатҳоро дарҷ менамояд.

6. Агар ариза бо асоси дар сархати 1 қисми 2 моддаи 381 КМГ зикргардида (ҳолатҳои барои парванда ҷиддие, ки барои аризадиҳанда маълум набуданд ва маълум буда наметавонистанд) пешниҳод шуда бошад, муҳлати муроҷиат ба суд аз рӯзи дигари рӯзе, ки аризадиҳанда дар бораи мавҷуд будани ин ҳолатҳо огоҳ гардидааст ё мебоист огоҳӣ меёфт ба ҳисоб гирифта шавад.

Ҳангоме, ки ба сифати ҳолатҳои нав ошкоргардида нишондоди баръало бардурӯғи шоҳид, хулосаи баръало бардурӯғи коршиноси судӣ, тарҷумаи баръало бардурӯғи тарҷумон, сохтакории далелҳо, ки боиси баровардани ҳалнома ё таъиноти ғайриқонунӣ ё беасос гардидааст ва мутобиқи ҳукми эътибори қонунӣ пайдокардаи суд муайян карда шудааст, ҷинояти тарафҳо, дигар шахсони иштирокчии парванда ё намояндагони онҳо ё судяҳо, ки ҳангоми баррасӣ ва ҳалли ҳамин парванда содир гардидааст ва мутобиқи ҳукми эътибори қонунӣ пайдокардаи суд муайян карда шудааст, бекор кардани ҳалнома, ҳукм ё таъинот ё қарори дигар мақомоти давлатӣ ё мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, ки боиси баровардани ҳамин ҳалнома ё таъинот гардидааст (сархатҳои 2,3 ва 4 қисми 2 моддаи 381 КМГ) нишон дода шуда бошанд, муҳлати муроҷиат ба суд бояд аз рӯзи дигари рӯзи эътибори қонунӣ пайдо кардани санади судии дахлдор, ки бо он ҳалнома, ҳукм ё таъиноти қаблан баровардашуда тибқи қоидаҳои муқаррарнамудаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, мурофиавии граждании ва мурофиавии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ бекор карда шудааст ба ҳисоб гирифта шавад.

Дар сурати пешниҳоди ариза дар бораи аз нав баррасӣ намудани ҳалнома ё таъиноти эътибори қонунӣ пайдонамуда вобаста ба бекор кардани қарори мақомоти давлатӣ ё мақомоти худидоракунии маҳаллие, ки барои қабул кардани санади судии дар ариза нишондодашуда асос гардидааст, аз ҷониби мақомоти болоӣ ё шахси мансабдор ё мақомоте, ки ин қарорро қабул кардааст (сархати 4 қисми 2 моддаи 381 КМГ), муҳлати

муроҷиат ба суд бояд аз рӯзи дигари рӯзи қабули қарори нав аз ҷониби мақомот ва шахси мансабдор ҳисоб карда шавад, агар бо санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки тартиби қабул ва эътибори қонунӣ пайдо намудани қарорҳои қабулнамудаи мақомот ва шахсони мансабдори мазкурро ба танзим медароранд, тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

7. Баррасии ариза вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида аз нав баррасӣ намудани ҳалнома ё таъиноти эътибори қонунӣ пайдонамуда бо дарназардошти муқаррароти боби 41 КМГ аз рӯи қоидаҳои мурофиа дар суди марҳилаи дахлдор ба амал бароварда мешавад.

Тарафҳо, прокурор, дигар шахсони иштирокчии парванда аз вақт ва маҳалли маҷлиси судӣ бо тартиби қоидаҳои боби 10 КМГ огоҳ карда мешаванд. Ҳозир нашудани шахсони номбурда, ки ба таври дахлдор оид ба вақт ва маҳалли маҷлиси судӣ огоҳ карда шудаанд, барои баррасии ариза монеа намегардад (моддаи 385 КМГ).

Азбаски тибқи талаботи моддаи 385 КМГ ариза дар бораи аз нав баррасӣ намудани ҳалнома ё таъинот вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида дар маҷлиси судӣ баррасӣ карда мешавад, суд баёноти шахсони дар парванда иштирокдоштаро мешунавад, далелҳои оид ба тасдиқи мавҷудияти ҳолатҳои нав ошкоргардида пешниҳодшударо таҳқиқ менамояд, дигар амалҳои мурофиавии заруриро иҷро менамояд, ки онҳо бояд дар протоколи маҷлиси судӣ дарҷ карда шаванд.

8. Бинобар он ки номгӯи асосҳо барои аз нав баррасӣ намудани ҳалнома ё таъиноти эътибори қонунӣ пайдонамуда вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида, ки дар қисми 2 моддаи 381 КМГ оварда шудаанд, истисноӣ мебошанд, ба аз нав баррасӣ намудани ҳалнома ё таъиноти эътибори қонунӣ пайдонамуда тибқи қоидаҳои боби 41 КМГ бо асосҳои дигар, аз ҷумла, доир ба кадом як талабот ҳалнома қабул нашудааст, ба ин ё он далел баҳо дода нашудааст, масъалаи ба парванда ҳамроҳ шудани ҳамдаъвогарон ё ҳамҷавобгарон ҳал нашуда бошад ва ғайра роҳ дода намешавад.

Ҳолатҳои барои аз нав баррасӣ намудани ҳалнома ё таъиноти эътибори қонунӣ пайдонамуда бояд исбот карда шаванд, зеро суде, ки аризаро вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида баррасӣ менамояд, бояд оид ба мавҷудияти асосҳо барои аз нав баррасӣ намудан эътимод дошта бошад.

Ҳолатҳое, ки дар қисми 2 моддаи 381 КМГ нишон дода шудаанд, ҳамон вақт метавонанд барои аз нав баррасӣ намудани ҳалнома ё таъиноти эътибори қонунӣ пайдонамуда асос гарданд, агар онҳо барои парванда аҳамияти ҷиддӣ дошта бошанд.

Асоси дар сархати 1 қисми 2 моддаи 381 КМГ пешбинигардида, ҳолатҳои воқеии ба парванда дахлдошта мебошанд, ки дар вақти баррасии парванда воқеан мавҷуд ва ба моҳияти ҳалнома ё таъиноти қабулшуда таъсиркунанда буда, дар бораи онҳо аризадиҳанда намедонист ва дониста ҳам наметавонист. Дар ин маврид, бояд ба инобат гирифта шавад, ки далелҳои нави пешниҳодгардида наметавонанд барои аз нав баррасӣ намудани санадҳои судӣ вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида асос гарданд.

9. Судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки нишондоди баръало бардуруғи шоҳид, хулосаи баръало бардуруғи коршиноси судӣ, тарҷумаи баръало бардуруғи тарҷумон, сохтакории далелҳо, ки бо ҳукми эътибори қонунӣ пайдокардаи суд муқаррар карда шудааст, барои вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида аз нав баррасӣ намудани ҳалнома ё таъиноти эътибори қонунӣ пайдонамуда асос мебошанд, агар онҳо боиси қабули санади судии ғайриқонунӣ ё беасос гардида бошанд (сархати 2 қисми 2 моддаи 381КМГ).

Агар дурустии ҳолатҳои воқеии парванда, ки аз ҷониби суд муқаррар гардидааст, бо якчанд далелҳо тасдиқ карда шаванд, ҳолати бесифатии ин ва ё он далели бо ҳукми суд тасдиққардашуда барои аз нав баррасӣ намудани ҳалнома ё таъиноти эътибори қонунӣ пайдонамуда вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида асос шуда наметавонад, агар ҳолатҳои ҳуқуқии ба асоси ҳалнома ё таъинот гузошташуда бо дигар далелҳое, ки дахлдорӣ, ҷоизӣ ва саҳеҳии онҳо шубҳаро ба миён намеорад, тасдиқ гарданд.

10. Ҷинояти тарафҳо, дигар шахсони иштирокчии парванда, ё намояндагони онҳо, ё судяҳо, ки ҳангоми баррасӣ ва ҳалли ҳамин парванда содир гардидааст ва бо ҳукми эътибори қонунӣ пайдокардаи суд муайян карда шудааст (сархати 3 қисми 2 моддаи 381 КМГ), новобаста аз он ки ин ҳолатҳо ба натиҷаи баррасии парванда таъсир расонидаанд, ё не барои аз нав баррасӣ намудани санадҳои судӣ асос мебошанд.

Диққати судҳо ба он ҷалб карда шавад, ки байни ҷинояти содиршуда ва парвандаи мушаххаси дар суд мавриди баррасӣ

ва ҳал қарордошта бояд алоқаи бевосита вуҷуд дошта бошад ва муқаррар намудани он ҳолат ки содиршавии ҷиноят оид ба парвандаи мазкур ба қабули санади судии ғайриқонунӣ оварда расонидааст ё не, зарурат надорад. Яъне худи воқеияти содиршавии ҷиноят аз ҷониби шахсони номбурда ҳангоми баррасӣ ва ҳалли парвандаи мазкур, барои аз нав баррасӣ намудани санадҳои судӣ вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида асос мебошад.

11. Ҳукми эътибори қонунӣ пайдокардаи суд оид ба парвандаи ҷиноятӣ нисбат ба ҳолатҳои муқарраркардашуда ва баҳодиҳии ҳуқуқии онҳо ҳатмӣ мебошад (преюдитсия).

Бояд дар назар дошт, ки ҳолатҳои дар бандҳои 9 ва 10 қарори мазкур нишондодашуда на танҳо бо ҳукми суд муқаррар карда мешаванд. Ҳолатҳое, ки бо таъинот ё қарори суд, қарори муфаттиш ё таҳқиқбаранда дар бораи қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ бинобар гузаронидани муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан, татбиқи санади авф, фавти айбдоршаванда ё нарасидани шахс ба синну соле, ки аз он ҷавобгарии ҷиноятӣ фаро мерасад муқаррар карда шудааст, инчунин метавонанд барои аз нав баррасӣ намудани ҳалнома ё таъиноти эътибори қонунӣ пайдонамуда вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида асос гарданд, агар суд ин ҳолатҳоро барои парванда ҷиддӣ эътироф намояд.

12. Бекор гардидани ҳалнома, ҳукм ё таъиноти суд, ё қарори дигар мақомоти давлатӣ ё мақомоти худидоракунии маҳаллӣ барои аз нав баррасӣ намудани ҳалнома ё таъиноти эътибори қонунӣ пайдонамуда асос мешаванд, агар онҳо ба қабули санади судие, ки аз нав баррасӣ намудани онро аризадиҳанда хоҳиш намудааст, асос шуда бошанд.

Судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки бекор кардани қарори дигар мақомоти давлатӣ ё мақомоти худидоракунии маҳаллӣ аз ҷониби худи мақомоте, ки чунин қарорро қабул кардааст, ё он аз ҷониби суд беэътибор дониста шудааст, наметавонад ба сифати ҳолати нав ошкоргардида баҳо дода шавад, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки санади меъёрии ҳуқуқии мазкур аз лаҳзаи қабули он беэътибор дониста шуда бошад.

13. Оид ба натиҷаи баррасии ариза дар бораи аз нав баррасӣ намудани ҳалнома ё таъиноти эътибори қонунӣ пайдокарда вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида, суд ё аризаро қонеъ гардонида, санади судиро бекор мекунад, ё аз нав баррасӣ намудани онро рад менамояд. Нусхаи таъинот дар

борои қонеъ намудани ариза ба мақомоте, ки иҷрои санади судии бекоршуда ба зиммаи он гузошта шудааст, ирсол карда мешавад.

Аз ҷониби судҳои марҳилаҳои якум, кассатсионӣ ва назоратӣ қонеъ кардани ариза дар бораи аз нав баррасӣ намудани санади судӣ вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида барои такроран баррасӣ намудани парванда аз ҷониби суди дахлдор тибқи қоидаҳои муқаррарнамудаи КМГ барои суди ҳамин марҳила асос мебошад ва дар ин бора бояд дар таъинот зикр карда шавад (моддаҳои 382,386 КМГ).

14. Оид ба натиҷаи баррасии аризаҳо дар бораи аз нав баррасӣ намудани ҳалнома ё таъиноти эътибори қонунӣ пайдонамуда вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида таъинот қабул карда мешавад.

Ба таъинот дар хусуси қонеъ гардонидани ариза ҷиҳати аз нав баррасӣ намудани ҳалнома ё таъинот вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида пешниҳоди шикоят манъ аст.

15. Муҳлат, тартиби пешниҳоди шикояти хусусӣ ё эътироз нисбат ба таъиноти суд дар бораи рад кардани аз нав баррасӣ намудани санади судӣ аз ҷониби суди марҳилаи кассатсионӣ бо тартиби муқаррарнамудаи боби 39, тартиби пешниҳоди шикоят ё эътирози назоратӣ бошад тибқи муқаррароти боби 40 КМГ анҷом дода мешавад.

16. Ба Суди Олӣ, судҳои ҳарбӣ, Суди Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон, судҳои вилоятҳо, шаҳри Душанбе бо мақсади роҳ надодан ба вайрон кардан ё татбиқи нодурусти меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавии гражданӣ тавсия дода шавад, ки таҷрибаи судии баррасии аризаҳо вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида аз нав баррасӣ намудани ҳалнома ё таъиноти эътибори қонунӣ пайдонамударо ҷамъбаст намоянд.

Раиси Пленум
Раиси Суди Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.Шоҳиён

Котиби Пленум
Судяи Суди Олиии
Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳакимова С.А.

Лоиҳа

ҚАРОРИ

Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

№

аз______соли 2015 шаҳри Душанбе

## Дар бораи татбиқи меъёрҳои Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми аз ҷониби судҳо баррасӣ кардани аризаҳо вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида аз нав баррасӣ намудани ҳалнома ё таъиноти эътибори қонунӣ пайдонамуда

Бо мақсади ҷорӣ намудани таҷрибаи якхела ва татбиқи дурусти меъёрҳои Кодекси мурофиавии гражданӣ, ки тартиби вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида аз нав баррасӣ намудани ҳалнома ё таъиноти эътибори қонунӣ пайдонамударо ба танзим медароранд, бо дастрасии моддаи 25 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,

ҚАРОР КАРД:

1. Диққати судҳо ба он ҷалб карда шавад, ки ҳалнома ё таъиноти эътибори қонунӣ пайдонамудаи судҳои марҳилаҳои якум, кассатсионӣ ва назоратӣ вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида аз ҷониби суде, ки санади судиро баровардааст, аз нав баррасӣ карда мешавад.

Судҳои марҳилаҳои кассатсионӣ ва назоратӣ вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида санадҳои судии баровардаашонро аз нав баррасӣ намоянд, агар бо ин санадҳои судӣ ҳалномаҳои суди марҳилаи якум тағйир дода ё ҳалномаи нав қабул, инчунин баррасии парванда қатъ карда ё ариза бе баррасӣ мононда шуда бошад.

2. Ҳуқуқи пешниҳоди аризаро дар бораи аз нав баррасӣ намудани ҳалнома ё таъиноти эътибори қонунӣ пайдонамуда бо тартиби боби 41 Кодекси мурофиаи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМГ) тарафҳо, прокурор, дигар шахсони иштирокчии парванда, инчунин аризадиҳандагон ва шахсони манфиатдор оид ба парвандаҳои аз муносибатҳои ҳуқуқи омма бармеомада ва мурофиаи махсус доранд.

Бинобар он ки тибқи талаботи моддаи 46 КМГ ворисии ҳуқуқии мурофиавӣ дар ҳама гуна марҳилаҳои мурофиа имконпазир мебошад, ворисони ҳуқуқии мурофиавии шахсони

иштирокчии парванда дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонун ҳуқуқ доранд дар бораи аз нав баррасӣ намудани ҳалнома ё таъиноти эътибори қонунӣ пайдонамуда вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргадида ариза пешниҳод намоянд.

Прокурор ҳуқуқ дорад ба суд дар бораи аз нав баррасӣ намудани ҳалнома ё таъиноти эътибори қонунӣ пайдонамуда вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргадида ариза пешниҳод намояд, агар парванда дар асоси аризаи прокурор ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, гуруҳи номуайяни шахсон ё ба манфиати Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми 1 моддаи 47 КМГ) оғоз шуда бошад, ё ӯ дар ҳолатҳои пешбининамудаи КМГ ва дигар қонунҳо дар мурофиа иштирок ва оид ба парванда хулоса дода бошад (қисми 3 моддаи 47 КМГ).

3. Ариза дар бораи аз нав баррасӣ намудани ҳалнома ё таъиноти эътибори қонунӣ пайдонамуда вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида бояд:

- номи суде, ки ба он ариза пешниҳод карда мешавад;
- номи шахсе, ки ба суд мурочиат намудааст, дигар шахсони иштирокчии парванда;
- ҳолатҳое, ки метавонанд боиси аз нав баррасӣ намудани санадҳои судӣ гарданд;
- далелҳое, ки ин ҳолатро тасдиқ менамоянд ва номгӯи ҳуҷҷатҳои замимагардидаро дар бар гирад.

Ба аризае, ки ба судҳои марҳилаҳои кассатсионӣ ё назоратӣ пешниҳод мегардад, инчунин нусхаи тасдиқгардидаи санадҳои судии нисбат ба парванда қабулнамудаи суди дахлдор ҳамроҳ карда мешавад.

4. Диққати судҳо ба он ҷалб карда шавад, ки ариза дар бораи аз нав баррасӣ намудани ҳалнома ё таъиноти эътибори қонунӣ пайдонамуда вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида аз аризаи даъвогӣ (ариза), ки дар асоси он парвандаи гражданӣ, оилавӣ оғоз карда мешавад, хусусияти фарқкунанда дорад.

Судя дар асоси ариза оид ба аз нав баррасӣ намудани ҳалнома ё таъиноти эътибори қонунӣ пайдонамуда вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида парвандаи гражданӣ, оилавӣ оғоз накарда, ҳамон парвандаеро, ки аз рӯи он санади судӣ қабул карда шудааст талаб намуда, ҳамаи маводҳои ба аризаи баррасишаванда вобаста бударо ба ҳамин парванда якҷоя менамояд.

5. Гузаронидани муҳлати семоҳаи мурочиат ба суд бо ариза дар бораи аз нав баррасӣ намудани ҳалнома ё таъиноти

эътибори қонунӣ пайдонамуда вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргадида, ки дар моддаи 383 КМГ пешбинӣ гардидааст, барои баргардонидан ё рад намудани қабули ариза асос шуда наметавонад.

Ин мухлат бо аризаи шахсони иштирокчии парванда мумкин аст аз ҷониби суд барқарор карда шавад, агар эътироф намояд, ки мухлат бо сабаби узрнок гузаронида шудааст.

Бояд дар назар дошт, ки бе сабабҳои узрнок гузаронидани мухлати муроҷиат ба суд барои рад намудани аризаи пешниҳодшуда асос гардида, суд дар таъинот танҳо ин ҳолатҳоро дарҷ менамояд.

6. Агар ариза бо асоси дар сархати 1 қисми 2 моддаи 381 КМГ зикргардида (ҳолатҳои барои парванда ҷиддие, ки барои аризадиҳанда маълум набуданд ва маълум буда наметавонистанд) пешниҳод шуда бошад, мухлати муроҷиат ба суд аз рӯзи дигари рӯзе, ки аризадиҳанда дар бораи мавҷуд будани ин ҳолатҳо огоҳ гардидааст ё мебоист огоҳӣ меёфт ҳисоб карда мешавад.

Ҳангоме, ки ба сифати ҳолатҳои нав ошкоргардида нишондоди баръало бардурӯғи шоҳид, хулосаи баръало бардурӯғи коршиноси судӣ, тарҷумаи баръало бардурӯғи тарҷумон, сохтакории далелҳо, ки боиси баровардани ҳалнома ё таъиноти ғайриқонунӣ ё беасос гардидааст ва мутобиқи ҳукми эътибори қонунӣ пайдокардаи суд муайян карда шудааст, ҷинояти тарафҳо, дигар шахсони иштирокчии парванда ё намояндагони онҳо ё судяҳо, ки ҳангоми баррасӣ ва ҳалли ҳамин парванда содир гардидааст ва мутобиқи ҳукми эътибори қонунӣ пайдокардаи суд муайян карда шудааст, бекор кардани ҳалнома, ҳукм ё таъинот ё қарори дигар мақомоти давлатӣ ё мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, ки боиси баровардани ҳамин ҳалнома ё таъинот гардидааст (сархатҳои 2,3 ва 4 қисми 2 моддаи 381 КМГ) нишон дода шуда бошанд, мухлати муроҷиат ба суд бояд аз рӯзи дигари рӯзи эътибори қонунӣ пайдокардани санади судии дахлдор, ки бо он ҳалнома, ҳукм ё таъиноти қаблан баровардашуда тибқи қоидаҳои муқаррарнамудаи қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ, мурофиаи граждании ва қонунгузории мурофиавии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ бекор карда шудааст ба ҳисоб гирифта шавад.

Дар сурати пешниҳоди ариза дар бораи аз нав баррасӣ намудани ҳалнома ё таъиноти эътибори қонунӣ пайдонамуда вобаста ба бекор кардани қарори мақомоти давлатӣ ё мақомоти

худидоракунии маҳаллие, ки барои қабул кардани санади судии дар ариза нишондодашуда асос гардидааст, аз ҷониби мақомоти болоӣ ё шахси мансабдор ё мақомоте, ки ин қарорро қабул кардааст (сархати 4 қисми 2 моддаи 381 КМГ), муҳлати муроҷиат ба суд бояд аз рӯзи дигари рӯзи қабули қарори нав аз ҷониби мақомот ва шахси мансабдор ҳисоб карда шавад, агар бо санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки тартиби қабул ва эътибори қонунӣ пайдо намудани қарорҳои қабулнамудаи мақомот ва шахсони мансабдори мазкурро ба танзим медароранд, тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

7. Баррасии ариза вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида аз нав баррасӣ намудани ҳалнома ё таъиноти эътибори қонунӣ пайдонамуда бо дарназардошти муқаррароти боби 41 КМГ аз рӯи қоидаҳои мурофиа дар суди марҳилаи дахлдор ба амал бароварда мешавад.

Тарафҳо, прокурор, дигар шахсони иштирокчии парванда аз вақт ва маҳалли маҷлиси судӣ бо тартиби қоидаҳои боби 10 КМГ огоҳ карда мешаванд. Ҳозир нашудани шахсони номбурда, ки ба таври дахлдор оид ба вақт ва маҳалли маҷлиси судӣ огоҳ карда шудаанд, барои баррасии ариза монеа намегардад (моддаи 385 КМГ).

Азбаски тибқи талаботи моддаи 385 КМГ ариза дар бораи аз нав баррасӣ намудани ҳалнома ё таъинот вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида дар маҷлиси судӣ баррасӣ карда мешавад, суд баёноти шахсони дар парванда иштирокдоштаро мешунавад, далелҳои оид ба тасдиқи мавҷудияти ҳолатҳои нав ошкоргардида пешниҳодшударо таҳқиқ менамояд, дигар амалҳои мурофиавии заруриро иҷро менамояд, ки онҳо бояд дар протоколи маҷлиси судӣ дарҷ карда шаванд.

8. Бинобар он ки номгӯи асосҳо барои аз нав баррасӣ намудани ҳалнома ё таъиноти эътибори қонунӣ пайдонамуда вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида, ки дар қисми 2 моддаи 381 КМГ оварда шудаанд, истисноӣ мебошанд, ба аз нав баррасӣ намудани ҳалнома ё таъиноти эътибори қонунӣ пайдонамуда тибқи қоидаҳои боби 41 КМГ бо асосҳои дигар, аз ҷумла, доир ба кадом як талабот ҳалнома қабул нашудааст, ба ин ё он далел баҳо дода нашудааст, масъалаи ба парванда ҳамроҳ шудани ҳамдаъвогарон ё ҳамҷавобгарон ҳал нашуда бошад ва ғайра роҳ дода намешавад.

Ҳолатҳое, ки барои аз нав баррасӣ намудани ҳалнома ё таъиноти эътибори қонунӣ пайдонамуда бояд исбот карда

шаванд, зеро суде, ки аризаро вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида баррасӣ менамояд, бояд оид ба мавҷудияти асосҳо барои аз нав баррасӣ намудан эътимод дошта бошад.

Ҳолатҳое, ки дар қисми 2 моддаи 381 КМГ нишон дода шудаанд, ҳамон вақт метавонанд барои аз нав баррасӣ намудани ҳалнома ё таъиноти эътибори қонунӣ пайдонамуда асос гарданд, агар онҳо барои парванда аҳамияти ҷиддӣ дошта бошанд.

Асоси дар сархати 1 қисми 2 моддаи 381 КМГ пешбинигардида, ҳолатҳои воқеии ба парванда дахлдошта мебошанд, ки дар вақти баррасии парванда воқеан мавҷуд ва ба моҳияти ҳалнома ё таъиноти қабулшуда таъсиркунанда буда, дар бораи онҳо аризадиҳанда намедонист ва дониста ҳам наметавонист. Дар ин маврид, бояд ба инобат гирифта шавад, ки далелҳои нави пешниҳодгардида наметавонанд барои аз нав баррасӣ намудани санадҳои судӣ вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида асос гарданд.

9. Судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки нишондоди баръало бардурӯғи шоҳид, хулосаи баръало бардурӯғи коршиноси судӣ, тарҷумаи баръало бардурӯғи тарҷумон, сохтакории далелҳо, ки бо ҳукми эътибори қонунӣ пайдокардаи суд муқаррар карда шудааст, барои вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида аз нав баррасӣ намудани ҳалнома ё таъиноти эътибори қонунӣ пайдонамуда асос мебошанд, агар онҳо боиси қабули санади судии ғайриқонунӣ ё беасос гардида бошанд (сархати 2 қисми 2 моддаи 381КМГ).

Агар дурустии ҳолатҳои воқеии парванда, ки аз ҷониби суд муқаррар гардидааст, бо якчанд далелҳо тасдиқ карда шаванд, ҳолати бесифатии ин ва ё он далели бо ҳукми суд тасдиқкардашуда барои аз нав баррасӣ намудани ҳалнома ё таъиноти эътибори қонунӣ пайдонамуда вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида асос шуда наметавонад, агар ҳолатҳои ҳуқуқии ба асоси ҳалнома ё таъинот гузошташуда бо дигар далелҳое, ки дахлдорӣ, ҷоизӣ ва саҳеҳии онҳо шубҳаро ба миён намеорад, тасдиқ гарданд.

10. Ҷинояти тарафҳо, дигар шахсони иштирокчии парванда, ё намояндагони онҳо, ё судяҳо, ки ҳангоми баррасӣ ва ҳалли ҳамин парванда содир гардидааст ва бо ҳукми эътибори қонунӣ пайдокардаи суд муайян карда шудааст (сархати 3 қисми 2 моддаи 381 КМГ), новобаста аз он ки ин ҳолатҳо ба натиҷаи

баррасии парванда таъсир расонидаанд, ё не барои аз нав баррасӣ намудани санадҳои судӣ асос мебошанд.

Диққати судҳо ба он ҷалб карда шавад, ки байни ҷинояти содиршуда ва парвандаи мушаххаси дар суд мавриди баррасӣ ва ҳал қарордошта бояд алоқаи бевосита вуҷуд дошта бошад ва муқаррар намудани он ҳолат ки содиршавии ҷиноят оид ба парвандаи мазкур ба қабули санади судии ғайриқонунӣ оварда расонидааст ё не, зарурат надорад. Яъне худи воқеияти содиршавии ҷиноят аз ҷониби шахсони номбурда ҳангоми баррасӣ ва ҳалли парвандаи мазкур, барои аз нав баррасӣ намудани санадҳои судӣ вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида асос мебошад.

11. Ҳукми эътибори қонунӣ пайдокардаи суд оид ба парвандаи ҷиноятӣ нисбат ба ҳолатҳои муқарраркардашуда ва баҳодиҳии ҳуқуқии онҳо ҳатмӣ мебошад (преюдитсия).

Бояд дар назар дошт, ки ҳолатҳои дар бандҳои 9 ва 10 қарори мазкур нишондодашуда на танҳо бо ҳукми суд муқаррар карда мешаванд. Ҳолатҳое, ки бо таъинот ё қарори суд, қарори муфаттиш ё таҳқиқбаранда дар бораи қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ бинобар гузаронидани муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан, татбиқи санади авф, фавти айбдоршаванда ё нарасидани шахс ба синну соле, ки аз он ҷавобгарии ҷиноятӣ фаро мерасад муқаррар карда шудааст, инчунин метавонанд барои аз нав баррасӣ намудани ҳалнома ё таъиноти эътибори қонунӣ пайдонамуда вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида асос гарданд, агар суд ин ҳолатҳоро барои парванда ҷиддӣ эътироф намояд.

12. Бекор гардидани ҳалнома, ҳукм ё таъиноти суд, ё қарори дигар мақомоти давлатӣ ё мақомоти худидоракунии маҳаллӣ барои аз нав баррасӣ намудани ҳалнома ё таъиноти эътибори қонунӣ пайдонамуда асос мешаванд, агар онҳо ба қабули санади судие, ки аз нав баррасӣ намудани онро аризадиҳанда хоҳиш намудааст, асос шуда бошанд.

Судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки бекор кардани қарори дигар мақомоти давлатӣ ё мақомоти худидоракунии маҳаллӣ аз ҷониби худи мақомоте, ки чунин қарорро интишор кардааст, ё он аз ҷониби суд беэътибор дониста шудааст, наметавонад ба сифати ҳолати нав ошкоргардида баҳо дода шавад, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки санади меъёрии ҳуқуқии мазкур аз лаҳзаи қабули он беэътибор дониста шудааст.

13. Оид ба натиҷаи баррасии ариза дар бораи аз нав баррасӣ намудани ҳалнома ё таъиноти эътибори қонунӣ пайдокарда вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида, суд ё аризаро қонеъ гардонида, санади судиро бекор мекунад, ё аз нав баррасӣ намудани онро рад менамояд. Нусхаи таъинот дар бораи қонеъ намудани ариза ба мақомоте, ки иҷрои санади судии бекоршуда ба зиммаи он гузошта шудааст, ирсол карда мешавад.

Аз ҷониби судҳои марҳилаҳои якум, кассатсионӣ ва назоратӣ қонеъ кардани ариза дар бораи аз нав баррасӣ намудани санади судӣ вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида барои такроран баррасӣ намудани парванда аз ҷониби суди дахлдор тибқи қоидаҳои муқаррарнамудаи КМГ барои суди ҳамин марҳила асос мебошад ва дар ин бора бояд дар таъинот зикр карда шавад (моддаҳои 382,386 КМГ).

14. Оид ба натиҷаи баррасии аризаҳо дар бораи аз нав баррасӣ намудани ҳалнома ё таъиноти эътибори қонунӣ пайдонамуда вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида таъинот қабул карда мешавад.

Ба таъинот дар хусуси қонеъ гардонидани ариза ҷиҳати аз нав баррасӣ намудани ҳалнома ё таъинот вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида пешниҳоди шикоят манъ аст. Аммо тибқи мазмуни қисми 2 моддаи 386 КМГ бо тартиби назоратӣ шикоят ё эътироз овардан нисбат ба чунин таъинот истисно нашудааст.

Нисбат ба таъинот дар бораи рад кардани аз нав баррасӣ намудани санади судӣ вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида мумкин аст шикоят ё эътирози хусусӣ пешниҳод карда шавад.

15. Муҳлат, тартиби пешниҳоди шикоят хусусӣ ё эътироз нисбат ба таъиноти суд дар бораи рад кардани аз нав баррасӣ намудани санади судӣ аз ҷониби суди марҳилаи кассатсионӣ бо тартиби муқаррарнамудаи боби 39, тартиби пешниҳоди шикоят ё эътирози назоратӣ бошад тибқи муқаррароти боби 40 КМГ анҷом дода мешавад.

16. Ба Суди Олӣ, судҳои ҳарбӣ, Суди Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон, судҳои вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия бо мақсади роҳ надодан ба вайрон кардан ё татбиқи нодурусти меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавии граждани тавсия дода шавад, ки мунтазам таҷрибаи судии баррасии аризаҳо вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида аз нав баррасӣ намудани ҳалнома ё таъиноти эътибори қонунӣ пайдонамударо ҷамъбаст намоянд.

Раиси Пленум
Раиси Суди Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.Шоҳиён

Котиби Пленум
Судяи Суди Олиии
Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳакимова С.А.

**Дар бораи татбиқи меъёрҳои Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми аз нав баррасӣ намудани ҳалнома ё таъиноти эътибори қонунӣ пайдонамуда вобаста ба ҳолатҳои нав ошкоргардида**